## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ба диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано «Нақши паранд»» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ).**

Комиссияи экспертӣ, ки аз мутахассисони соҳаи санъатшиносӣ иборат мебошад, бо дарназардошти таҷрибаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва донишу малакаҳои амиқи назариявию амалии аъзоён, диссертатсияи пешниҳодшударо ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, онро аз лиҳози мутобиқат ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда, дараҷаи навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва саҳми шахсии довталаб таҳлил намуд.

Дар ҷараёни экспертиза муайян гардид, ки диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ ба таҳқиқи ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор мебошад. Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии худ, дар бузургсилсилаи Фирӯз Баҳор муайян кард, ки асоси бузургсилсилаи «Нақши паранд» аз ду манбаъ сарчашма мегирад, ки барои ифода ва гуруҳбандии онҳо диссертант шартан онҳоро «академӣ» ва «миллӣ» номида, ба ду гурӯҳи калон тақсим кардааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он нахустин тадқиқотест дар равияи равшанӣ андохтан ба тафаккури полифонии композитори тоҷик дар умум. Таҳқиқи илмии асари полифонии Фирӯз Баҳор ҳамчун намунаи ин тафаккур пешниҳод мегардад. Кори диссертатсионӣ асари мураккаби полифониро бо таҳлили пурраи мусиқишиносӣ ба илм ворид месозад. Истифодаи ин натиҷаҳо дар пажуҳиш ва омӯзиши полифонияи тоҷик минбаъд низ хеле судманд мебошанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он дида мешавад, ки услуби полифонии Фирӯз Баҳор дар илми мусиқии муосир нахуст талқини худро

меёбад (1); асари бузургсилсилаи «Нақши паранд» нахустин бор зери таҳлили муфассали мусиқишиносӣ қарор гирифта, ба илми мусиқишиносӣ ворид мегардад (2); дар мисоли ин асар талқини жанри полифонии бузургсилсила аз тарафи композитори тоҷик ба мусиқишиносӣ ворид мешавад (3).

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дошта, дорои мантиқи ягонаи дохилӣ ва сохтори муназзам мебошад. Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро пурра инъикос менамоянд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқ бо шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар 9 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ, 5 мақола дар маҷмуа ва нашриҳои дигари илмӣ, 1 маҷмуаи полифонӣ инъикос ёфтаанд ва ба талаботи бандҳои 34 ва 35 ҷавобгӯ мебошанд.

Дар диссертатсия ҳолатҳои истифодаи мавод бидуни ишора ба маъхаз ба назар намерасад, ки ин ба риоя шудани талаботи банди 37 далолат мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, дурнамои минбаъдаи мусиқии полифонии тоҷик муайян шудааст. Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқ, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Бо мақсади таъмини экспертизаи мустақил ва ҳамаҷонибаи диссертатсияи пешниҳодшуда ва мутобиқи талаботи бандҳои 67 ва 68-и

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ тасдиқ гардидааст, комиссияи экспертӣ масъалаи таъини муқарризони расмиро баррасӣ намуд.

Бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторони илм дар соҳаи санъатшиносӣ маҳдуд буда, қисме аз мутахассисони дорои дараҷаи илмии мазкур бинобар сабабҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ (ишғоли вазифаи роҳбари илмӣ, раиси шуро, роҳбари муассиса ва ғайра) наметавонанд ба сифати муқаррizи расмӣ ҷалб гарданд, комиссияи экспертӣ мувофиқи талаботи банди 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ имкони ҷалби мутахассиси соҳаи наздики илмиро баррасӣ намуд.

Бо назардошти он ки фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотии Ҳасанова Манзура Муҳидиновна, доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба масъалаҳои санъатшиносӣ, фарҳанг, мусиқӣ ва хоса мавзуи диссертатсияи пешнишодшуда – таҳқиқи мусиқии композиторӣи тоҷик иртибот дошта, таҷрибаи назарраси илмӣ дар мусиқии суннатии тоҷикро инъикос менамояд, комиссияи экспертӣ ҷалби номбурдаро ба сифати муқаррizи расмӣ мувофиқи талаботи бандҳои зикршуда аз рӯйи интишороти илмӣ мувофиқи мақсад донист.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Ахрорӣ дар мавзуи **«Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано «Нақши паранд»»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқияшон ба ихтисоси ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 –

Санъати мусиқӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳасанова Манзура Муҳидиновна** – доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Худойбердиев Султоналӣ** – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон** пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои таърих, муовини раиси шурои муштараки диссертатсионӣ — Додхудоева Лариса

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ — Латифзода Диловар Назришоҳ

номзади илмҳои санъатшиносӣ, узви шурои муштараки диссертатсионӣ — Назарова Лариса Александровна

10-уми апрели соли 2026